# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13 сентябри соли 2025, №77**

**Барои сазовор донистани Каримзода Муаззама Мирзокарим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 5-уми июли соли 2025, №72 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссератaтсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, № 225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Каримзода Муаззама Мирзокарим 30-юми октябри соли 1978 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ӯ соли 2000 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро хатм намудааст.

Аз соли 2000 то соли 2007 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, аз соли 2007 то 2008 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз соли 2008 то 2019 сармуаллимаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз соли 2019 то 2024 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва аз соли 2024 то имрӯз муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 26-уми марти соли 2025, № 8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қурбонзода Беҳрӯз Шариф -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, прокурори шуъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Суғд, ҳуқуқшиноси дараҷаи 1.

**Муқарризони расмӣ:**

**–Абдухамитов Валичон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

– **Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Б.А. санаи 18 августи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 21 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Каримова, М.М. Шарҳи илмии мафҳумҳои экстремизм, терроризм ва радикализм [Матн] / М.М. Каримова // Маҷалаи илмӣ –

назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №2 (87), – С.138 -147; ISSN 2411-1945.

[2-М] Курбонзода, Б.Ш., Каримова, М.М. Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм тибқи санадҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида [Матн] / Б.Ш. Қурбонзода, М.М. Каримова // Маҷалаи илмӣ «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» – 2024. – №1 (33). – С. 214 - 226; ISSN 2414-9217.

[3-М] Каримова, М.М. Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // маҷалаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024.– №2 (62). – С.122-129; ISSN 2412-141X.

[4-М] Каримова, М.М. Сравнительно - правовой анализ преступления публичного призыва к осуществлению экстремистской деятельности и публичного оправдания экстремизма в соответствии с законодательством государств - участников СНГ [Матн] / М.М. Каримова // Научный журнал Академия юридических наук. – 2024. – №2. – С.131-138; ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-М] Каримова М.М. Некоторые проблемы борьбы с экстремизмом [Матн] / М.М. Каримова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ / Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Нашри 2. – Хуҷанд: «Ношир», 2010. – С. 43-48.

[6-М] Каримова М.М. Факторы, способствующие совершению преступлений экстремистического характера [Матн] / М.М. Каримова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба «Соли 2010 – соли маориф ва фарҳанги техникӣ». – Нашри 3. – Хуҷанд: «Ношир», 2010. – С.86 -90.

[7-М] Каримова М.М. Омилҳои паҳншавии экстремизм дар замони муосир [Матн] / М.М. Каримова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба 20-солагии таъсисёбии ДДҲБСТ. – Нашри 6. – Хуҷанд: «Ношир», 2010. – С.268 -274.

[8-М] Каримова М.М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия // Маҷмӯаи мақолаҳо ва маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ (28 ноябри соли 2013). - Хуҷанд. «Ношир», 2014. – С.356 -361.

[9-М] Каримова М.М. Доир ба роҳҳои муқовимат ба паҳншавии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Таъмини волоияти қонун – заминаи муҳими таҳкими истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи мақолаҳои илмии устодон ва унвонҷӯён. – Нашри 7. – Хуҷанд. «Ношир», 2015. – С.155 -163.

[10-М] Каримова М.М., Ҳомидова М.Ф. Уголовно-правовой анализ организации экстремистского сообщества [Матн] / М.М. Каримова // Маводи конфронси устодон ва магистрантон бахшида ба рӯзи криминалистикаи тоҷик таҳти унвони «Рушди криминалистика дар ҳалли

муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016». – Хуҷанд: «Тоҷ-принт», 2017. – С. 44 -51.

[11-М] Каримова М.М. Мавқеи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бар зидди экстремизм (ифротгарой) [Матн] / М.М. Каримова // Мақолаи илмӣ ба конференсияи донишгоҳӣ бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 ноябри соли 2019). – Хуҷанд: «Хуросон», 2019. – С.120 -123.

[12-М] Каримова М.М. Баъзе масъалаҳои назариявии мафҳум ва моҳияти экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ. Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ / Зери назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М., д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р. – (22-25 апрели соли 2020) – Хуҷанд: «Дабир», 2020. – С. 120 -123.

[13-М] Каримова М.М. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» (14 апрели соли 2021 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара) – Хуҷанд: «Парки технологии ДДҲБСТ», 2021. – С. 302-306.

[14-М] Каримова М.М. Нишонаҳои объективии таркиби ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон // Зери назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М., д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р. (21-24 апрели соли 2021) – Хуҷанд: «Дабир», 2021. – С.138 - 144.

[15-М] Каримова М.М. Роль Республики Таджикистан в борьбе с экстремизмом (в рамках Шанхайской организации сотрудничества) [Матн] / М.М. Каримова // СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (23 июни соли 2021). – Хуҷанд: «Дабир», 2021. – С.186-189.

[16-М] Каримова М.М. Муқовимат ба экстремизм ҳамчун таъминкунандаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.М. Каримова // Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ //Таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М., д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р. (21-25 апрели соли 2022) – Хуҷанд: «Дабир», 2022. – С.139 -145.

[17-М] Каримова М.М. Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олӣ ва нақши Пешвои миллат дар пешгирии ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва

экстремистидошта [Матн] / М.М. Каримова // Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (12 - 14 ноябри соли 2022). – Хуҷанд: «Дабир», 2022. – С.327-331.

[18-М] Каримова М.М. Баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ // Таҳти назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. (18-21 апрели соли 2023). – Хуҷанд: «Дабир», 2023. – С.128-131.

[19-М] Каримова М.М. Терроризм ва экстремизм ҳамчун хатари глобалии ҷаҳони муосир [Матн] / М.М. Каримова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният!», бахшида ба 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, «Дабир», 2023. – С.478-484.

[20-М] Каримова М.М. Баъзе масъалаҳои назариявии объекти бевоситаи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // Илму маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд» ба ифтихори 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик. Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ (19 апрели соли 2024). – С.153-156

[21-М] Каримова М.М. Мафҳуми фаъолияти экстремистӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ ва илмӣ ҳамчун омили ташаккулёбии модели миллии давлати ҳуқуқбунёд [Матн] / М.М. Каримова // «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ (23 октябри соли 2024). – Хуҷанд, «Дабир», 2024. – С.230-235

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Наботзода С.Х.** - доктори ҳуқуқ (доктор PhD), дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Ғайратов Т.М.** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Миралиев С.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва

сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти терроистиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад. Пешниҳоди мазкур дар сатҳи автореферат чандон асоснок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф онро дар рафти ҳимоя асоснок менамуд.

2. Муаллиф объекти бевоситаи м.307[1] - ро васеъ тафсирнамуда онро чунин навиштааст: "объекти бевоситаи ҷиноятҳое, ки дар шакли даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремиста ва сафедкунии оммавии экстремизм зоҳир мегарданд, муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор меравand, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, амнияти миллӣ, қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти устувор ва бемонеаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин асосҳои сохти конститутсиониро таъмин мекунанд". Хуб мешуд он мухтаар баён карда мешуд.

3. Моддаи 307 КҶ ҶТ бо моддаи 307[1] КҶ ҶТ дар рақобати шаддид қарор доранд, аммо аз ҷониби муаллиф таносуб, монандӣ ва фарқияти онҳо мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст, хуб мешуд дар рафти ҳимоя он аз тарафи муаллиф асоснок карда мешуд.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бори нахуст дар шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадии мазкур баррасӣ карда шуд.

**– пешниҳод шудааст:** мафҳуми экстремизм, таъсиси низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ», мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ, мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ва коркардҳои илмӣ ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ».

**- исбот шудааст:** афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои тундгаро, паҳншавии идеологияи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва заъфи фаҳмишҳои ҷомеавӣ вобаста аст, ки чунин тамоюл зарурати таҳкими чораҳои пешгирӣ ва

муқовимати ҳамаҷонибаро ба вуҷуд овардааст. Дар ин раванд, зарурати такмили қонунгузорӣ, ташкили ҳамкории муассир бо созмонҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафта барои ошкорсозӣ ва пешгирии ҷиноятҳо мавқеи калидӣ доранд.

– **ҷорӣ намудани:** пешниҳодҳои мукаммал вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 307[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҶТ бо назардошти ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** мафҳуми экстремизм ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, кушода додани аломатҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии марбут ба он, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307[1] КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти дар м. 307[1] КҶ ҶТ пешбинигардида, ҳолати ҳуқуқӣ-ҷиноятии падидаи мазкурро муайян месозанд.

– **ошкор гардидани** таҳдиди ҷиддӣ доштани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, аз ҷумла даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар шароити муосир, хусусияти фаромарзӣ гирифтани онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бештаре аз роҳбарон ва иштирокчиёни созмонҳои экстремистӣ ҳамоно мардумро ба амалҳои хусусияти экстремистидошта даъват намуда, ҳамзамон, кирдорҳои худ ё дигар ашхоси экстремистро сафед менамоянд, ки онҳо метавонанд бевосита ба сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳдид намоянд.

– **омӯхта шуданд** қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои узви ИДМ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ дар доираи Созмони миллали муттаҳид (СММ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), инчунин, амалияи тафтишоти пешакӣ ва судии кишвар дар самти муқовимат ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм.

– **аз нав такмил додани** меъёри м.307[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар таркиби ин модда аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад, инчунин пас аз истилоҳҳои «ВАО», ё шабакаи интернет дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо (варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома ва китобчаҳо)» илова карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва ғ. гарданд, дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар истифода гарданд. Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта», «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» аҳаммияти калон доранд.

– **муайян карда шуданд, ки** дар илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ то ҳол мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм дар арсаи ҷаҳон вуҷуд надорад, бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳуми экстремизм аз се нуқтаи назар, яъне илм, санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хулосабарорӣ гардидааст. Инчунин мавҷуд набудани низоми мукаммали ҳуқуқии мубориза бо экстремизм дар қонунгузории зидди экстремизми кишварҳои ИДМ, ки он ба самаранокии муқовимат ба экстремизм таъсири манфӣ мерасонад, ихтилоф дар мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳуқуқӣ, ки боиси тафсири мухталиф ва душвориҳо дар татбиқи амалии қонунҳо мегардад, набудани механизмҳои муассири ҳуқуқии татбиқи қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба экстремизм, ки боиси камбудиҳо дар ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои

байналмилалӣ мегардад. Бинобар он, барои баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба экстремизм зарур аст, ки кишварҳои ИДМ низоми ягонаи ҳуқуқии муқовиматро таҳия намуда, мафҳумҳои ҳуқуқиро мутобиқ созанд ва механизмҳои самараноки татбиқи қонунгузориро дар амал ҷорӣ намоянд.

– **коркард карда шуд:** хатари бузургтарини таблиғи мафкураи экстремизм дар он аст, ки, асосан ҷавонон, яъне насли наврас, ки ҷаҳонбинии онҳо ҳанӯз ба таври комил ташаккул наёфтааст, ҳадафи асосии ин даъватҳо қарор мегиранд. Дар ин раванд, гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҳадаф доранд, ки бо истифода аз методҳои гуногуни идеологӣ ва равонӣ, саломатии ахлоқии ҷавонон ва ноболиғонро вайрон карда, ҳисси ватандӯстии онҳоро «мағзшӯӣ» намоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод шудааст, ки дар қ.3 м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, муқаррар карда шавад. Дар м.307[1] КҶ ҶТ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, дида намешавад. «Таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд» маънои дастгирӣ ё ифодаи муносибати мусбат ба фаъолияти гурӯҳ ё шахсеро дорад, ки ба амалҳои экстремистӣ ё террористӣ ҷалб шудаанд. Ин метавонад дар шаклҳои гуногун, аз қабили изҳори ҳавасмандӣ, тасдиқи оммавӣ, паҳн кардани таблиғот, эҷоди маводҳои таблиғотии зуроварӣ ва дигар амалҳои шабеҳ зоҳир шавад. Бинобар ин, пешниҳод шудааст, ки дар м.307[1] КҶ ҶТ таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, ҷиноят эътироф (криминализатсия) карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм на танҳо тавассути ВАО, инчунин он метавонад тавассути варақаҳо, адабиёт, маҷалла, рӯзнома, китобчаҳо ва дигар шакли нашрҳо ба амал бароварда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки пас аз истилоҳи «ВАО ва шабакаи Интернет» дар қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ истилоҳи «ва дигар намуди нашрҳо» илова карда шавад. Таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҷамъбаст карда, диспозитсияи м.307[1] КҶ ҶТ дар таҳрири нав пешниҳод карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки дар сатҳи м.307[1] КҶ ҶТ эзоҳ дар шакли зерин илова карда шавад: «Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои

экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғайраро дар бар гирад».

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** самтҳои имконпазири беҳтар кардани қонуни ҷиноятӣ вобаста ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм инҳо буда метавонанд: коркарди илмии таърифи возеҳи (оммафаҳми) мафҳумҳо, баҳисобгирии фазои маҷозӣ (онлайн), ҳамкории байналмилалӣ, пешгирӣ ва барқарорсозӣ, ҳифзи озодии сухан, ҷалби фаъоли ҷомеа. Чораҳои мазкур метавонанд ба муборизаи пуртаъсир ба муқобили даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мусоидат намуда, муносибати мутаносиб ва қонуниро таъмин кунанд.

– **ғоя асоснок шудааст, ки** дар қонунгузории ҷиноятии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии чунин амалҳо ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Ин вазъият метавонад заминаеро фароҳам созад, ки экстремистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар канор монанд. Ин холигии ҳуқуқӣ на танҳо имкони фаъолиятҳои экстремистиро дар кишварҳои номбурда зиёд менамояд, балки ба самаранокии талошҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм таъсири манфӣ мерасонад.

– **муайян шудаанд:** мафҳуми экстремизм ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аломатҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии марбут ба он, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. $307^1$ КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, аломатҳои объективии ҷиноятe, ки дар м. $307^1$ КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, инчунин таркибҳои вазнинтаркунандаи он, таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои субъективии ин ҷиноят бо таваҷҷуҳи махсус ба ангезаҳои ҳуқуқвайронкунандагон, ҳолати рӯҳӣ ва мақсади содир намудани ҷиноят, таҳия ва пешниҳоди механизмҳои такмил додани Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҳимояи ҳуқуқии сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

– **истифода карда шуданд:** дар чараёни пажуҳиш таҷрибаи судӣ-тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар вобаста ба ҷинояти аъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, маводҳои омории СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 2024 ва натиҷаҳои назарсанҷӣ дар байни мутахассисони касбӣ истифода шудаанд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 13 сентябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Каримзода Муаззама Мирзокарим дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил – 1, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**13 сентябри соли 2025**